**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шерализода Ҷомӣ Шералӣ дар мавзуи «Ислоҳоти конститутсионӣ дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023).**

Диссертатсияи Шерализода Ҷомӣ Шералӣ ба яке аз мавзуъҳои мубрами илми ҳуқуқи коснтитутсионии ватанӣ – «Ислоҳоти конститутсионӣ дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ» бахшида шудааст. Аз таҳлили автореферати диссертатсияи мазкур муайян гардид, ки диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Омӯзиши падидаи ислоҳоти конститутсионӣ масъалаи мубрами ҳуқуқи конститутсионӣ ба ҳисоб меравад. Муҳимтарин шарти рушди муносиби ҷомеа ва давлат ин устувории қонуни асосии кишвар Конститутсия ба ҳисоб меравад. Конститутсия бояд дар асл қатъӣ ва тағйирнопазир бошад. Илова бар ин, он бояд дар ҳолати диалектикӣ қарор дошта, мувофиқи тағйироти муносибатҳои ҷамъиятӣ рушду инкишоф ёбад. Аҳаммияти ҷамъиятӣ-сиёсии қабули Конститутсияи нав ё ворид намудани тағйирот ба матни он аз моҳият ва мазмуни Конститутсия бармеояд.

Вобаста ба масоили мазкур, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид кардаанд: «Бо рушду такомули ҷомеа Конститутсия ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба такмил эҳтиёҷ пайдо мекунад. Ин, хусусан ба Конститусия ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлат ва ҷомеае иртибот мегирад, ки дар марҳилаи гузариш аз як сохт ба сохти дигар ва рушду такомул қарор дорад. Чунин зарурияти такмили Конститутсия ва дигар санадҳои қонунгузорӣ дар Тоҷикистон низ пеш омад, ки мо онро сари вақт анҷом додем». Воқеан такмили Конститутсия баҳри пешрафти ҷомеа, рушди устувори иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва муносибатҳои хориҷии мамлакат заминаҳои мустаҳками ҳуқуқиро муҳайё менамояд.

Аз ин ҷо, зарурияти омӯзиши падидаи ислоҳоти конститутсионӣ дар кишвар, муайян намудани марҳилаҳои он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди падидаҳои конститутсионӣ дар раванди тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим ва сари вақтӣ мебошад.

Муайян намудани падидаи ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо аз лиҳози таърихӣ балки аз лиҳози ҳуқуқи низ масъалаи муҳим буда, аз нигоҳи илм ва соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ таҳқиқоти ҷиддиро металабад. Аз ин рӯ, дар ташкилу бунёди давлати миллии Тоҷикистон Конститутсия ҳамчун санади бунёдгузори давлатӣ нақши ҳалкунанда дорад. Конститутсия санадест, ки заминаҳои меъёрии бунёди давлатро баҳри пайвасти насли гузаштаву оянда ба миён овард. Кишвари мо пайваста дар ҷустуҷӯи шакли мукаммалнамоии бунёди давлатдории миллӣ буда, ҳануз аз ташкили ҷумҳурии мухторӣ оғоз ёфта бо эълон гаштани Истиқлолияти давлатӣ онро ба анҷом расонид. Ҳамаи ин тағйиротҳо бо ислоҳоти дахлдори конститутсионӣ дар Конститутсияи кишвар инъикоси худро ёфтаанд.

Дар ин росто, таҳқиқи анҷомдодаи муаллифи автореферат дар ҳалли ин масоили мубрам нақши калон мебозад.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 21 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 14 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

Аз ин нуқтаи назар, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Шерализода Ҷомӣ Шералӣ илман асоснок буда, бо далелу асосҳои бовари бахши назариявӣ, ҳуқуқӣ ва конститутсионӣ мустаҳкам шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои муаллифи автореферат ба танзими қонунгузорӣ оид ба фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст.

Ҳамчунин, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснокии таҳқиқоти анҷомдодаро нишон медиҳад.

Дар маҷмӯъ, бояд гуфт, ки автореферати диссертатсияи номзадии Шерализода Ҷомӣ Шералӣ мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, дар он масъалаҳои бамиёнгузошта аз лиҳози илмӣ пайдарпай ва асоснок матраҳ гардида, аз рӯи диди тоза ва мантиқ таҳлил гардида, сазовори баҳои мусбат аст.

Дар баробари таҳқиқоти пурра анҷомёфтаи Шерализода Ҷомӣ Шералӣ доир ба автореферати диссертатсия эроди зеринро пешниҳод менамоем. Аз ҷумла, муаллиф дар боби якуми зербанди дуюм асосҳои роҳбарикунандаи ислоҳоти конститутсиониро муҳаққиқ ба асосҳои илмӣ ва принсипҳо ҷудо намудааст. Хубтар мебуд, агар муҳаққиқ падидаи мазкурро ба воситаи танҳо асосҳои илмӣ ва ё принсипҳои ҳуқуқӣ мавриди таҳқиқ қарор медод.

Ин эрод хусусияти ҷузъӣ дошта, қиммати автореферати диссертатсияро коста намегардонад. Аз ин рӯ, гуфтан имконпазир аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30

июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Шерализода Ҷомӣ Шералӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Ректори Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
д.и.ҳ., профессор **Ғафурзода А.Д.**

**Имзои Ғафурзода А.Д.-ро тасдиқ мекунам**
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон **Ҳамидов Ш.Б.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, к. С. Носир 33. Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тел: 224 17 86. Факс: 224 83 93; E-mail: info@apa.tj

**«4» 05 соли 2023**